

# ЗАНОН ВА ДУХТАРОН ДАР ТОҶИКИСТОН

## – ДУЧОРШАВӢ БА ЗӮРОВАРӢ, ҲУҚУҚПОЙМОЛКУНӢ ВА КАМБИЗОАТӢ

**ЗӮРОВАРИИ НИСБАТИ ЗАНОНРО БОЗ ДОРЕД**

**AMNESTY INTERNATIONAL**

**Дар Тоҷикистон зӯроварӣ дар оила ба таври васеъ паҳн гардидааст. Аз се як то ним як ҳиссаи занон доимо аз тарафи шавҳарон ё аъзои оилаи шавҳаронашон гирифтори зӯроварии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва ё шаҳвонӣ мегарданд.**

**Зӯроварӣ нисбати занон ин на танҳо ҷиноят, балки ҳуқуқвайронкунии аз ҳама бештар паҳнгардидаи ҳуқуқҳои инсон дар тамоми ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Он дар ҳар кишвар рӯй медиҳад ва аксар вақт дар оила пинҳон мемонад. Аммо давлатҳо ӯҳдадор ҳастанд, ки ҳодисаҳои зӯровариро чӣ дар ҷомеа ва чӣ дар оила пешгирӣ ва таъқиб намоянд. Дар Тоҷикистон то ҳол зӯроварӣ нисбати занон «кори оилавӣ» ҳисоб карда мешавад ва то ҳол ҳамчун амали алоҳидаи ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии ҳуқуқҳои инсон эътироф намегардад.**

## ҚИССАИ ЗАМИРА:

Замираи 29 сола дар як шаҳри хурдакаке зиндагонӣ мекунад. Бо сабаби сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ӯ маҷбур мешавад, ки баъди синфи ҳафтум хонданро тарк намояд. Дар синни 18 ӯ ба шавҳар баромад. Издивоҷи ӯ аз рӯи анъанаҳои қабулшудаи тоҷикӣ, яъне бо роҳи аз тарафи мулло никоҳ кардан амалӣ гашт. Никоҳи онҳо расман ба қайд гирифта нашуд. Замира соҳиби писар шуд, ки ҳоло нӯҳсола мебошад. Хонадории онҳо панҷ сол давом кард ва дар ин панҷ сол ба ӯ иҷозат дода намешуд, ки аз хона берун барояд. «Ман гӯё дар зиндон будам», - мегӯяд Замира ба Амнести Интернешнл. Шавҳар ва падару модари шавҳараш ба ӯ иҷозат намедоданд, ки ба берун барояд ё бо ягон кас гап занад. Ҳар вақте ки ӯ иҷозати ба берун баромадан ё ягон даъво мекард, шавҳараш ӯро мезад. Як рӯз шавҳараш дар шоҳидии ду нафар ӯро се талоқ кард ва ӯро хонаводаи шавҳараш аз хона пеш карданд. Ҳоло Замира бо писараш дар хонаи падару модараш зиндагонӣ мекунад, ки он аз даҳ нафар иборат аст.

Замира орзу дорад, ки хонаи алоҳидае дошта бошад ва дар он танҳо худаш бо писараш зиндагонӣ кунад. Ӯ мактаби миёнаро хатм накардааст ва ҳоло дар курсҳои таълимие, ки аз тарафи маркази занонаи ташкилоти ғайридавлатӣ ташкил карда шудаанд, мехонад. Баъди хатми курсҳои таълимӣ мехоҳад, ки дар почтаи маҳаллӣ кор кунад.

## ТАҲҚИРИ ҶИСМОНӢ, РӮҲӢ ВА ШАҲВОНӢ ДАР ОИЛА

Истифодаи зӯроварӣ ва таҳқир дар оила ба афзоиши шумораи ҳодисаҳои худкӯшӣ дар байни занон оварда мерасонад. Зӯроварӣ дар хона яке аз сабабҳои асосии ба худкӯшӣ даст задани занон ба ҳисоб меравад. Ба зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ чунин амалҳо аз қабили маҳдуд кардани ҳуқуқҳои зан, паст задани ӯ ва ҳамчун ғулом аз тарафи шавҳар ва аъзои оилаи шавҳар муносибат кардан ба зан дохил мешавад.

Зӯроварӣ дар хона метавонад боиси таҷовуз ба номус ва ё шаклҳои дигари зӯроварии шаҳвонӣ гардад. Дар ҳоле ки таҷовузи аз тарафи шахси бегона содир кардашуда дар ҷомеаи тоҷик сахт маҳкум карда мешавад, таҷовуз ба номус ва зӯроварии шаҳвонӣ, ки аз тарафи шавҳар содир карда мешавад, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун амали ҷиноятӣ ифода нагардидааст.

## НОРАСОИИ МУҲОФИЗАТ

Мақомоти давлатӣ мавқеи ҷамъиятиии гунаҳкор кардани занонро барои зӯроварӣ дар хона инъикос менамоянд. Онҳо нақши аввалиндараҷаи худро на дар ҳимояи занон, балки дар миёнаравӣ бо мақсади нигоҳ доштани оила мебинанд. Ба таври дахлдор аз тарафи давлат иҷро нагардидани ӯҳдадориҳо ба истифодаи зӯроварӣ дар оила оварда мерасонад ва гунаҳкор медонад, ки барои содир намудани зӯроварӣ бе ҷазо мемонад.

Барои муҳофизат намудани зарардидагони зӯроварӣ дар хона шумораи хадамотҳои ҳимоякунанда дар кишвар нокифоя ҳастанд ва аксарияти чунин хидматрасониҳо на аз тарафи давлат, балки аз тарафи ташкилотҳои маҳаллии ғайридавлатӣ, ки аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ мегарданд, расонида мешаванд. Барои ҳал намудани ҳодисаҳои истифодаи зӯроварӣ дар хона кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, суд ва тибб таҷрибаи кофӣ надоранд. Ба он нигоҳ накарда, ки лоиҳаи қонун дар бораи ҷиноят ҳисоб кардани истифодаи зӯроварӣ дар оила ва пешбинӣ намудани марказҳои бӯҳронӣ ва паногоҳҳо якчанд сол муҳокима карда мешавад, он ба парламент то ҳол пешниҳод нагардидааст. Барои тасдиқ ва амалӣ намудани ин қонун иродаи сиёсӣ намерасад.

## «АНЪАНАКУНОНИИ » НАҚШҲОИ ГЕНДЕРӢ

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ сохторҳои анъанавии оиладорӣ пурзӯр гардонида шудаанд ва бо роҳи маҳдуд намудани шахсияти занон ҳамчун ҳамсар ва модар ва равона сохтани онҳо ба бахши аз ҳама паст пардохтшаванда дар бозори меҳнат ҳуқуқҳои онҳо боз ҳам поймол гардиданд. Чунин мавқеи иҷтимоии поймолкунанда дар масъалаи қабул ва сафедкунии зӯроварӣ нисбати занон низ пинҳон аст.

Баъди ба шавҳар баромадан аксарияти занон аз ҷиҳати иқтисодӣ мутеи оилаҳои шавҳархояшон мегарданд. Онҳо метавонанд на фақат аз тарафи шавҳар, балки аз тарафи аъзои оилаи шавҳар низ, махсусан хушдоман, гирифтори муносибатҳои дағалона гарданд.

Ҳуқуқҳои занон дар Тоҷикистон на танҳо бо зӯроварӣ дар оила ва поймол гардидани ҳуқуқҳои онҳо дар бозори меҳнат мушкил мегарданд. Масъалаҳои хеле барвақт аз низоми таҳсилот дур гардидани духтарон, издивоҷи барвақтӣ, издивоҷи қайд нагардида низ ташвишоваранд.

## ИЗДИВОҶҲОИ ҚАЙДНОШУДА

Дар Тоҷикистон ду тартиби издивоҷ вуҷуд дорад: сабти ҳолати шаҳрвандӣ дар Идораи сабти аснoди ҳолати шаҳрвандӣ ва никоҳ - издивоҷи анъанавии динӣ мувофиқи қонуни шариат. Сабти расмии издивоҷ ва ҷудошавӣ, гарчанде ки он бо қонун пешбинӣ гардидааст, ӯҳдадории қимат ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, одамон ба никоҳ ва талоқ қаноат мекунанд.

Дар Тоҷикистон қайди шаҳрвандӣ то ҳол талаботи қонунист. Ин шартномаи байни тарафҳост, ки ба ҳар ду тараф дар мавриди ҷудо шудан ҳуқуқи боадолатона ба амвол ва алимент ва парастории кӯдак медиҳад. Никоҳ бошад, аз тарафи дигар, як намуди шартномаест, ки он бе огоҳии пешакӣ ва бе ягон ҷарима танҳо аз тарафи шавҳар бекор карда мешавад. Аз муллоҳо аз рӯи қонун талаб карда мешавад, ки ҷавононро баъди ба даст овардани Шаҳодатнома дар бораи қайди никоҳ, никоҳ кунанд, аммо ин кор на ҳама вақт иҷро мегардад.

Гарчанде ки ба қонун ягон тағйирот дар бораи иҷозат додани бисёрзанӣ ё ҷудошавии яктарафа ворид нагардида бошад ҳам, аз охири ҷанги шаҳрвандӣ аз соли 1997 ин амал васеъ паҳн гардида аст. Барои зане, ки дар издивоҷи марди бисёрзана қарор дорад, талаб кардани ҳуқуқҳои худ бисёр мушкил аст, чунки издивоҷи онҳо ба қайд гирифта нашудааст ва он мақоми қонунӣ надорад.

## НАРХИ САБТИ ИЗДИВОҶ

Асосан бештари навхонадорон аз маросими никоҳ мегузаранд ва баъд издивоҷи худро расман ба қайд мегиранд ё умуман қайд намекунанд. Барои аксари одамон ҳаққи қайди расмии издивоҷ бисёр қимат аст, тақрибан аз се як ҳиссаи ҳадди ақалли музди меҳнати якмоҳа.

Занони ҷавон чун анъана ба хонаи шавҳарони худ мекӯчанд. Низоми аз давраи Иттиҳоди шӯравӣ меросмондаи қайд (прописка - қайди ҳатмии ҷойи зист) бақайдгирии ҷойи зистро бо ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва талаби амвол алоқаманд мекунад, аммо аксари занҳо ҳангоми ба хонаи шавҳар кӯчидан чунин қайдро надоранд ва баъди ҷудошавӣ барои исботи ҳуқуқҳои худ бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегарданд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ баъди ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба мавқеи зане, ки танҳо никоҳ дорад, таъсири манфӣ расонд. Бо сабаби дараҷаи баланди бекорӣ ва камбизоатӣ аксарияти мардҳо барои ҷустуҷӯи кор оилаҳои худро партофта ба Россия мераванд, онҳо дар аввал метавонанд ба оилаҳои худ маблағ интиқол намоянд, аммо метавонад аз занҳои тоҷики худ телефонӣ ҷудо шаванд ва бо оилаи нави худ дар Россия ё ягон ҷойи дигар ҳаёти нав оғоз кунанд. Дар чунин ҳолатҳо аъзои оилаи шавҳар боқатъиян собиқ занҳоро бо кӯдаконашон аз хона пеш мекунанд, чунки онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ барои оила бори гарон мегарданд.



© Амнести Интернешнл

Духтарон дар курсхои компютери Маркази занони қишлоқи Хуросон таълим гирифта истодаанд, Тоҷикистон, июли соли 2009.

## ИЗДИВОҶИ БАРВАҚТӢ ВА БИСЁРЗАНӢ

Синни ақалли издивоҷ дар Тоҷикистон 17 аст, аммо аксар вақт ҳодисаҳое шудаанд, ки духтарон то ба синни 17 нарасида ба шавҳар мебароянд, масалан дар мавриди ҳомиладор будани духтар бо иҷозати судя.

Ҳангоми интихоби арӯс ба духтарони ҷавон ва бемаълумот бартарият дода мешавад, чунки чунин шуморида мешавад, ки духтарони ҷавони таҷрибаи кофии ҳаёт надошта бештар гапдаро мешаванд. Аксари чунин духтарон издивоҷи худро расман сабт намекунанд ва ҳамчунин мумкин аст, ки ба марди бисёрзана издивоҷ кунанд. Дар ин синну сол ба шавҳар баромада, духтарон аллакай ҳуқуқҳои инсонии худро вайрон мекунанд. Онҳо, аз эҳтимол дур нест, ки ба зӯроварӣ дар хона гирифтор шаванд. Аз сӯҳбат бо ҷабрдидагон маълум гардид, ки асосан занони синну солашон калонтари маълумотдор тавонистанд аз издивоҷи зӯроварона раҳоӣ ёфта, баъд даъвои амвол ва алимент кунанд.

Дар мавридҳои кам мақомоти ҳукуматӣ ба бисёрзанӣ ё издивоҷи ғайриқонунии барвақтӣ ҷазо медиҳанд. Шӯъбаи оид ба танзими анъанаҳо ва расму маросимҳо ваколатдор аст, ки пеш аз никоҳ бақайдгирии издивоҷи шаҳрвандиро тафтиш кунад, аммо чунин корро намекунанд.



© Амнести Интернешнл

*Сурати муқова:* Ҳайкали Рудакӣ дар боғе воқеъ дар маркази Душанбе, Тоҷикистон, июли соли 2009.

© Амнести Интернешнл

*Дар чап:* Дар яке аз бозорҳои Душанбе, Тоҷикистон, июли соли 2009.

## ДУХТАРОНЕ, КИ ТАРКИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА МЕКУНАНД

Яке аз омилҳои асосии раҳой ёфтани духтарон аз зӯроварӣ ин таҳсилот мебошад. Давлат ӯҳдадориҳои худро - кафолат додани маълумоти пурраи дахлдор гирифтани духтарон - пурра иҷро намекунад. Иҷрои он ба ҳалли масъалаи зӯроварӣ ва поймол намудани ҳуқуқҳои занон дар Тоҷикистон мусоидат менамуд.

Духтарон бо сабабҳои гуногун мактабро тарк мекунанд. Якум, панҷ соли ҷанги шаҳрвандӣ барои аксари одамон боиси қатъ гардидани таҳсилот ва ба пастшавии ҷиддии саводнокӣ дар байни насли наврас оварда расонд. Дуюм, аксари оилаҳо чунон камбизоат ҳастанд, ки барои харидани маводҳои асосӣ (ба монанди нақлиёт, харидани пойафзол, китобҳо) ва фиристонидани фарзандони худ ба мактаб пул надоранд. Аммо дар шаҳрҳое, ки мактабҳо вуҷуд доранд, низ ҳодисаи мактабро тарк намудани духтарон ба мушоҳида мерасад ва ин сабаби дигар дорад: онҳо нақши ягонаи афзалиятноки занро дар ҳамсар ва модар будан мебинанд ва барои ҳамсар ва модар доштани маълумотро зарур намеҳисобанд.

Бақайдгирии давомоти хонандагон дар мактаб ва низоми тафтишотӣ мушкилоти ҳиссаи духтаронеро, ки мактабро партофтаанд, ошкор намекунад. Кӯдаконе, ки мактабро тарк намудаанд ва ба қайд гирифта нашудаанд (масалан аз издивоҷи қайднагардида ё одамоне, ки қӯчида будаанд ва дар ҷомеаи худ аз қайд нагузаштаанд) дар рақамҳо инъикос намеёбанд.

## ХУЛОСА

Ҳукумати Тоҷикистон ӯҳдадориҳои худро оид ба мубориза бурдан бо зӯроварӣ дар оила, хотима гузоштан ба дузанагӣ ва издивоҷи барвақтӣ ва пешниҳоди таҳсилоти ҳатмӣ барои духтарони то 15 сола эълон намудааст. Гарчанде Тоҷикистон созишномаҳои дахлдори байналмилалии ҳуқуқҳои инсонро тасдиқ намуда бошад ҳам, барои муҳофизат кардан ва иҷрои ҳуқуқҳои инсон ӯҳдадориҳои байналмилалиро пурра иҷро намекунад.

## ТАВСИЯҲО

**Амнести Интернешнл аз мақомоти давлатии Тоҷикистон даъват ба амал месозад, ки бо мақсади эҳтиром, муҳофизат, иҷро ва мусоидат намудан ба ҳуқуқҳои занон ҷидду ҷаҳди худро пурзӯр гардонанд. Мақомоти ҳукуматиро лозим аст, ки аз худи ҳозир саъю кӯшиши худро барои ба даст овардани мақсадҳои дар поён овардашуда равона созанд:**

- пешгирӣ намудан ва таъқиби зӯроварӣ нисбати занон дар хона тавассути ворид намудани созишномаҳои байналмилалии ҳуқуқҳои инсон ба қонуни амалкунандаи миллӣ ва хадамоти дастгирии байналхалқӣ;

- ҳалли масъалаи ғайриқонунии издивоҷи қайднагардида, бисёрзанӣ ва издивоҷи барвақтӣ тавассути гузаронидани маъракаи байналмилалии иҷтимоии иттилоотӣ оид ба бақайдгирии ҷойи зист ва кафолати он, ки никоҳ баъди гирифтани Шаҳодатнома дар бораи қайди издивоҷ гузаронида шудааст;

- бо роҳи баланд бардоштани моҳияти маълумот ва нест кардани сабабҳои мактабро тарк намудани духтарон аз миён бардоштани ҳамаи монеиатҳое, ки садди роҳи маълумоти ҳатмӣ гирифтани духтарон мегарданд.

**Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нависед:**

Эмомалӣ Раҳмон
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Душанбе
Қасри Ҳукуматӣ
Хиёбони А. Рӯдакӣ 80

AMNESTY INTERNATIONAL

**Амнести Интернешнл** ҳаракати дунявиест иборат аз 2.2 миллион нафар дар беш аз 150 кишвару сарзамин, ки барои хотима гузоштан ба таҳқири ҳуқуқҳои инсон мубориза мебаранд.

Мақсади мо барои ҳар як шахс амалӣ гардонидани ҳамаи ҳуқуқҳои дар Эъломияи дунявии ҳуқуқи инсон омада ва меъёрҳои дигари байналмилалии ҳуқуқҳои инсон мебошад.

Мо тобеи ягон ҳукумат, идеологияи сиёсӣ, манфиати иқтисодӣ ё динӣ нестем - маблағгузории мо асосан аз ҳаққи узвият ва саҳмгузорҳои (хадяҳои) ҷамъиятӣ иборат аст.

Ноябри соли 2009
Индекс: EUR 60/002/2009

Amnesty International
International Secretariat
Peter Benenson House
1 Easton Street
London WC1X 0DW
United Kingdom
www.amnesty.org